**Суратмаҷлиси № 8**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

26. 03 соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафараш докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравад.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Марҳамат аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ҳамкории исломӣ: Мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои таърих, профессор Турсунов Т.Х. ва аъзои комиссия профессорон Латифов Ҷ.Л., Муродова Н.С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ҳамкории исломӣ: Мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI)» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ҳамкории исломӣ: Мушкилот ва дурнамои

ҳамкориҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД**:

1. Диссертатсияи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ҳамкории исломӣ: Мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Комилова Хосият Ғуфроновна** – доктори илмҳои таърих, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

- **Ҷаъфарзода Сайҳомид Хайриддин** – номзади илмҳои таърих, декани факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– Ба сифати муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

5. Таърихи баргузории ҳимоя 3-юми июни соли 2026, соати 13:30 таъин карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд**.

Раиси шурои диссертатсионӣ д.и.т. Расулиён Қ.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ н.и.т. Умаров А.Қ.